# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзӯи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт**

**Муҳиммии мавзӯи диссертатсия**. Сектори давлатӣ ҷузъи иқтисоди омехта буда дар ҷанбаи истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ чун ҷузъи бо тамоми низоми иқтисодӣ дар нақши қувваи ҳамгиро ва мутамарказ амал мекард, ки шароитҳо, ҳадафҳо ва усулҳои фаъолияти махсус дошт. Азбаски давлат маркази низоми иқтисодии шӯравии сотсиалистӣ буд, аз ин рӯ, ба масъалаҳои таҳаввул ва такмили роҳҳои иштироки давлат дар ҳаёти иқтисодӣ чандон дахолат намекард. Аз ин рӯ, ташаккулёбии бахши давлатӣ дар шаклҳои ба табиати иқтисоди омехта мувофиқ бо иқтисодиёти фармонӣ-маъмурӣ чандон умумият надорад ва дар айни замон бахши мазкур дар воқеъ дар асоси низоми нави институтсионалӣ, ки маҷмӯи сохторҳои гуногуни институтсионалӣ мебошад, ташаккул меёбад.

Дар иқтисоди давраи гузариш дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ташаккул, инкишофи бахши давлатии иқтисодиёт ҳамчун унсури таркибии иқтисодӣ омехта як падидаи нисбатан нав аст. Зарурати инкишофи ин бахш аз кам шудани ҳаҷми як қатор неъматҳои иҷтимоии муҳим бармеояд, ки қаблан онҳо пурра аз ҷониби давлат таъмин мешуданд. Дар айни замон дар шароити дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодии ҷомеа ҳаҷм ва гуногунии ниёзҳои ҷамъиятӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ васеъ мегардад. Ин боиси пайдо шудани мушкилоти маҳдудияти захираҳо дар ин бахш мегардад. Азбаски танҳо ба маблағҳои буҷети давлат ҳамчун манбаи асосии бахши давлатӣ умед бастан ғайриимкон аст, таъмини сатҳи кифоя ва ҳатто ҳадди ақали эҳтиёҷоти ҷамъият низ ғайриимкон мебошад. Вобаста ба ин, омӯхтани масъалаҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои гуногуни ба

иқтисодиёти бахши давлатӣ ҷалб намудани захираҳои иловагӣ, роҳҳои баланд кардани сатҳи истифодаи оқилонаи ин захираҳо ва самаранокии фаъолияти ташкилотҳо, ки онро ташкил медиҳанд, аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

**Асосноккунӣ ва дурустии натиҷаҳои бадастомада.** Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола ифодаёфта бо он тасдиқ мешаванд, ки асоси методии диссертатсияро асарҳои классикони назарияи иқтисодӣ, олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил мекунанд, ки ба омӯзиши масъалаҳои устувории инкишофи низомҳои иқтисодии минтақавӣ дар пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ равона карда шудаанд.

Таркиб ва сохтори рисолаи илмӣ дар ягонагии мантиқӣ қарор дошта, ба мақсади таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад.

Муаллиф усулҳои методологияи таҳқиқоти илмии муосирро, ба монанди усулҳои абстраксия ва қиёси илмӣ, мушоҳидаҳои оморӣ, усулҳои гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва тафсири натиҷаҳои ҳосилшуда истифода бурдааст. Хулоса, пешниҳод ва тавсияҳо, ки дар рисолаи илмӣ дарҷ гардидаанд, дар сатҳи кофӣ мустаҳкам ва мантиқан дуруст мебошанд. Ҳолатҳои назариявӣ ва амалии аз тарафи муаллиф пешкашшуда, ҳамчун натиҷаи ниҳоии таҳқиқот навгонии илмии худ фарқ мекунад.

**Навгонии натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқот** дар коркарди асосҳои назариявию методии такмили механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии иқтисодиёти минтақа дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ ва тавсияҳои амалӣ доир ба баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо дар субъектҳои бахши номбурдаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Аксарияти мукаррароти таҳқиқоти илмӣ барои равшанӣ андохтан ва инкишофи назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ, пурра гардидани дониш дар бораи иқтисодиёти бахши давлатӣ дар

пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои ҳосилшудаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккули низоми муассири идоракунии бахши давлатии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Иштироки шахсии муаллиф дар дастрасии натиҷаҳои рисолаи илмӣ** тавассути иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот бо интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия собит мешавад.

Аммо дар қатори натиҷаҳои ноилгардида дар рисолаи номзадӣ баъзе камбудиҳо мавҷуд мебошанд, ба монанди:

1.Қисмати муқаддимавии рисолаи диссертатсионӣ коркардро талаб мекунад, зеро баъзе аз қисматҳои он дақиқтар оварда нашудааст;

2.Объект ва предмети рисола ба номи мавзӯъи таҳқиқот мутобиқат намекунад;

3.Баъзе нововарии илмие, ки дар рисолаи номзадӣ пешниҳод гардидааст, таҷдиди назарро мехоҳад (3,4,5);

4.Асоснокkунии муҳиммияти илмии мавзӯъ коркардро талаб менамояд, зеро дар ин қисмати таҳқиқот, мазмуни мавзӯи илмӣ намуди на он қадар мувофиқро доро аст. Хуб мешуд агар муаллиф мавзӯи таҳқиқотиро бо далелу исботҳо, ки имрӯз дар ҷомеаи муосир вуҷуд дорад, асоснок менамуд;

5.Дар рисолаи диссертатсионӣ доир ба маблағгузориҳои давлатӣ ва манбаҳои дигар ба соҳаҳои иҷтимоӣ, бахусус маориф, тандурустӣ, фарҳанг маълумотҳо оварда шудаанд, лекин натиҷаи ин маблағгузориҳо дар кадом ҳолат қарор дорад, дода нашудааст. Хуб мешуд, агар истифодаи маблағ аз манбаҳои гуногун дар соҳа бо натиҷанокӣ алоқаманд мешуд ва камбудиҳо ошкор гашта роҳу усулҳои беҳдошт муайян мегардид, кор қубҳи тоза мегирифт.

6.Дар саҳифаи 51-и диссертатсия ҷадвали 1.1.4. сутуни 2 абзатси 3 меъёри овардашуда нотамом аст ва он ислоҳро талаб мекунад.

7. Дар саҳифаи 64-и диссертатсия абзатси 3. ҷумла нофаҳмо буда он ислоҳталаб аст.

8. Саҳифаҳои 68 ва 71-и диссертатсия ислоҳталаб мебошад, зеро аз мазмун дархости диссертант аниқ нашуд.

9. Кор дорои як зумра хатогиҳои орфографӣ аст, ки ислоҳашон ногузир аст.

10. Дар феҳристи адабиёти истифодашуда тартиби муаян ва меъёрҳои стандартҳои мавҷуда доир ба руйхати адабиёт риоя карда нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои қайдшуда ислоҳшаванда буда, онҳо аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти гузаронидашударо паст намекунанд. Сохтори рисолаи илмӣ аз нуқтаи назари мантиқ дуруст буда, ҳуди рисола унсурҳои навгонии илмиро дорад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар мавзӯи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт ҷавобгӯ буда, он баъд аз ислоҳи камбудиҳо барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Тақриздиҳанда: н.и.и., дотсенти
кафедраи иктисодиёти
корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ _____________ Зокирова Ш.М.

Имзои н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ Зокирова Ш.М –ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон _____________ Мирпоччоев И.Ҳ.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ
тел: + 992 (3422) 2- 38 -11
www.tsulbp. tj